# Касе вафот кунад ва бар ӯ рӯзаи моҳи рамазон монда бошад

[Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

Сомонаи Лаҷнаи доими барои баҳсҳои илми ва фатво

Тарҷума:
Дорул Ислом\Тоҷикӣ

2014 - 1435

IslamHouse.com

# من مات و عليه صيام رمضان

«باللغة الطاجيكية»

موقع اللجنة الدائمة للبحوث العلمية و الإفتاء

ترجمة: دار الإسلام/ طاجيكى

2014 - 1435

IslamHouse.com

## Касе вафот кунад ва бар ӯ рӯзаи моҳи рамазон монда бошад

Суол: Агар шахсе вафот кард ва бар гарданаш рӯзаи моҳи рамазон боқи монда бошад, ё назр карда бошад, оё ба ҷои ӯ хонаводааш рӯза мегиранд, ё барои ҳар рӯзи рӯзааш каффора пардохт мекунанд?

Ҷавоб: Агар шифо ёфта бошад, ки рӯза гирифта тавонад, ва баъд аз он рӯза нагирифта вафот карда бошад, дуруст аст , ки валии ӯ бачояш рӯза гирад, зеро Паёмбар (с) мегуяд: Касе вафот кард ва бар гарданаш рӯза боқи монда бошад, валии ӯ ба ҷояш рӯза мегирад. (Дар саҳеҳ будани ҳадис иттифоқ аст). Валии ӯ ақрибои ӯ мебошанд, мисли: падар, фарзанд, бародар, писарамак ва дигар ақрибояш.

Ва агар маризии ӯ то вафоташ давом ёфта бошад, пас қазои рӯза бар ӯ воҷиб нест ва фидя (кафора) ҳам намедиҳанд ва бачои ӯ рӯза гирифтани ақрибояш ҳам лозим нест.

Сомонаи Лаҷнаи доими барои баҳсҳои илми ва фатво.